# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Шарипов Рустам Миралиевич дар мавзӯи: «Нақши брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Тоҷикистон», ки барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-039 дар назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мавзӯъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Рисолаи илмии Шарипов Р.М. тадқиқоти мустақил, саривақтӣ ва пурраи илмӣ мебошад, ки ба масъалаи муҳими тибби ветеринарӣ ва амнияти озуқаворӣ - омӯзиши нақши микроорганизмҳои касалиовар ва шартан касалиовар (брутселлаҳо, салмонеллаҳо, стафилококкҳо ва стрептококкҳо) дар пайдоиши бемориҳои сироятии ҳайвонот ва нақши шири чорво дар паҳнсозии бемориҳои сироятӣ дар шароити Тоҷикистон бахшида шудааст ва пурра ба ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.**

Мавзӯи рисоли илмӣ масъалаи мубрами илмҳои ветеранарӣ ва тибб мебошад, зеро брутселлёз, салмонеллёз ва сироятҳои коккӣ бемориҳои зоонозие ҳастанд, ки хатари бевосита барои саломатии инсон меафкананд, ва пайдоиши бемории мастити сироятӣ ва сироятнокшавии шир бо микрофлораи касалиовар ба соҳаи чорводорӣ зарари калони иқтисодӣ мерасонад ва хавфи сироятёбии одамонро пеш меоварад.

Мавриди зикр аст, ки шир ва маҳсулотҳои ширӣ яке аз воситаҳои асосии интиқолёбии барангезандаи бемории брутселлёз дар байни одамон ба ҳисоб меравад. Тибқи таҳлилҳои рисолаи имлӣ дар хоҷагиҳои чорводории ширию молӣ ба роҳ мондани ташхисҳои мунтазами чорво бо истифода аз усулҳои маъмулу муосир ва ҳамзамон риояи қатъии қоидаҳои зарурии интиқоли шири чорво аз як минтақа ба минтақи дигар аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Яке аз масъалаҳои асосии тадқиқот ба омӯзиши хусусиятҳо ва зуҳуроти бемориҳои маъмули бактериявӣ — аз қабили брутселлёз, салмонеллёз ва сироятҳои коккӣ — дар чорвои калону майдаи шохдор бахшида шудааст. Ҳамчунин, муайян намудани микроорганизмҳои касалиовар ва шартан касалиовар дар шири хом ва таҳияи доруи гиёҳии самарабахш барои

пешгирӣ ва муолиҷаи илтиҳоби сироятии пистони ҳайвонот дар доираи ҳадафи ин таҳқиқот инъикос ёфтааст.

Мақсад ва вазифаҳои кор ба таври равшан ба таркиби диссертатсия мутобиқат мекунанд ва ба ҳалли мушкили пешниҳодшуда равона карда шудаанд, ки арзёбии муқоисавии санҷишҳои ташхисӣ, ҷудосозии барангезандаҳо, омӯзиши ҳассосияти онҳо ба антибиотикҳо ва тарҳрезии маводи нави дорувории муолиҷавиро инъикос менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Дар натиҷаи тадқиқотҳои илмӣ, ки дар шароити озмоишии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудаанд, як қатор масъалаҳои муҳими соҳаи чорводорӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Нахуст, хусусиятҳои клиникии бемориҳои маъмули бактериявӣ, аз ҷумла брутселлёз, салмонеллёз ва сироятҳои коккӣ, дар байни ҳайвонот таҳқиқ гардида, ҳассосияти антигенҳое, ки дар усули аксуламали ҳалқавӣ истифода мешаванд, мавриди омӯзиш қарор гирифта муқоиса карда шуданд. Дар натиҷаи тадқиқот хайли маҳаллии Brucella abortus муайян карда шуда, татбиқи якҷояи бикарбонати натрий бо антигени ранга ҳангоми ташхиси бемории брутселлёз тавсия гардид, ки тавассути усулҳои серологии АҲ ва АЯР тасдиқ карда шуданд. Дар доираи барномаҳои Фонди Президентӣ барои солҳои 2022–2023 лоиҳаи илмӣ дар мавзӯи “Тарҳрезии малҳам ва усораи равғании гули чойкаҳак ва сесанбарги зарафшонӣ барои пешгирӣ ва табобати илтиҳоби сироятии ғадудҳои пистони ҳайвоноти кишоварзӣ” амалӣ гардид, ки натиҷаҳои он бо патенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №1436 тасдиқ карда шудааст.

**Нуқтаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд инҳо мебошанд:**

- натиҷаҳои таҳқиқоти бактериологии шир;
- маълумот дар бораи ҷудо кардан ва омӯзиши хосиятҳои изолятҳои микроорганизмҳои бактериявӣ (салмонеллаҳо ва коккҳо) дар ҳайвонот;
- натиҷаҳои ҳассосияти микроорганизмҳои ҷудокардашуда ба маводи зиддимикробӣ;
- натиҷаҳои омӯзиши самаранокии табобатии доруи гиёҳӣ бар зидди илтиҳоби сироятии пистони ЧКШ бо этиологияи бактериявӣ.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсияи зикршуда.**

Асоснокии натиҷаҳои бадастомада бо таҳлили маълумоти таҷрибавӣ, таҳқиқотҳои анҷомёфтаи озмоишию истеҳсолӣ, нашри мақолаҳо ва таҳияи тастуру тавсияномаҳои илмию методӣ исбот мегардад. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда таҳлили амиқи натиҷаҳои тадқиқотро инъикос менамоянд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**

Диссертатсия дар 139 саҳифа (бо ҳисоб кардани феҳрист, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо) тартиб дода шудааст ва аз муқаддима, чор боб, хулосаҳо, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Дар баробари матн ҷадвалҳо, расмҳо ва диаграммаҳо тартиб дода шудаанд. Рӯйхати адабиёт дар маҷмуъ 165 манбаъро дар бар мегирад.

Дар муқаддима муҳиммии мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи эътимоднокию тасдиқи натиҷаҳо, алоқамандӣ ба барномаҳои илмӣ, тавсифи умумии таҳқиқот, ҳадафҳо, вазифаҳо, объекту субъекти таҳқиқоти илмӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, бандҳои асосӣ барои ҳимоя, эътимоднокии натиҷаҳо, мувофиқати рисола ба ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муаллиф, тасвиб ва амалӣ кардани натиҷаҳо, нашри натиҷаҳо ва ҳаҷму сохтори рисола баён карда шудааст.

**Дар боби якум** масъалаҳои таҳлили амиқи адабиёти мавҷуда оид ба паҳншавии микроорганизмҳои касалиовар ва шартан касалиовари бемориҳои ҳайвонот (ба монанди брутселлёз, салмонеллёз, стафилококкоз, стрептококкоз ва илтиҳоби сироятии ғадудҳои ширии чорво), шир ва роҳҳои олудашавии он бо микроорганизмҳои мазкур, устувории барангезандаҳо ба антибиотикҳо баррасӣ мегардад. Хулосаи умумии шарҳи адабиёт пешниҳод шудааст.

**Дар боби дуюм** муаллиф тартибу муҳтавои тадқиқотро ба таври возеҳ тавзеҳ додааст. Мавод ва усулҳои истифодашуда бо пайдарҳамии мантиқӣ пешниҳод гардида, нишон дода шудааст, ки таҳқиқот дар ду марҳилаи пайдарпай амалӣ шудааст. Марҳилаи аввал солҳои 2019–2021-ро дарбар гирифта, ба ташхиси бемориҳои сироятии ҳайвоноти хоҷагиҳои кишоварзӣ равона гардидааст. Марҳилаи дуюм, ки солҳои 2022–2024 идома ёфтааст, бар асоси натиҷаҳои марҳилаи аввал ташкил шуда, самти асосии он татбиқи усулҳои табобатӣ дар шароити воқеии хоҷагиҳои чорводорӣ мебошад. Дар ин марҳила усулҳои муолиҷаи илтиҳоби сироятии ғадудҳои ширии модаговҳо озмуда шудаанд. Ҳамин гуна сохтори думарҳилагӣ имкон додааст, ки таҳқиқот аз ташхис то амалисозии табобат пайгирона сурат гирад ва натиҷаҳо дорои арзиши илмӣ ва амалӣ бошанд.

**Дар боби сеюм** натиҷаҳои таҳқиқоти амалӣ таҳлил ва баррасӣ карда мешаванд. Муаллиф самаранокии ташхисвораҳои гуногунро барои ошкор кардани брутселлёз дар шир арзёбӣ намудааст, аз ҷумла санҷиши Роз-бенгал ва истифодаи антигенҳо ҳамчунин ташхиси бактериологӣ. Ҳамзамон, ҷудосозӣ ва ташхиси барангезандаҳои салмонеллёз, стафилококкҳо, стрептококкҳо ва диплококкҳо дар шир ба таври муфассал анҷом дода шудааст. Дар таҳқиқот инчунин паҳншавии салмонеллёз ва сирояти коккҳо

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, ҳассосияти изолятҳои ҷудошудаи микроорганизмҳо ба антибиотикҳо арзёбӣ шудааст. Илова бар ин, самаранокии малҳам ва усораи равғанини гули чойкаҳак ва сесанбарг дар муолиҷаи илтиҳоби сироятии ғадудҳои ширии чорво мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст.

**Дар боби чорум** натиҷаҳои ба даст омададаи таҳқиқот таҳлилу муҳокима карда шуда, бо натиҷаҳои таҳқиқоти дигар муқоиса мегарданд. Тафсилоту далелҳои оид ба моҳияти падидовардаҳо, заминаҳои назариявӣ ва амалии онҳо, инчунин маънои онҳо барои илм ва амалия пешниҳод мегардад.

Хулосаҳо аз 8 банд иборат буда, дар он тамоми натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдода гирд оварда шудаанд ва ба таври мухтасар, сохторёфта баён карда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмӣ** – аз натиҷаҳои кори диссертатсия дар таҳқиқи маҷмуии вазъи эпизоотӣ оид ба бемориҳои бактериявии зоонозӣ — брутселлёз, салмонеллёз ва стафилококкҳо, ки дар хоҷагиҳои чорводории Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калон доранд, асос ёфтааст. Бори аввал дар ҷумҳурӣ баҳодиҳии муқоисавӣ оид ба самаранокии антигенҳои гуногун дар аксуламалҳои серологӣ гузаронида шудааст, ки бо усулҳои бактериологӣ ва усули муосири аксуламали занҷираи полимеразӣ тасдиқ гардидаанд. Ҳамчунин, зиёда аз 2200 намунаи шири хом ва маводи дигар таҳқиқ шуда, микроорганизмҳои касалиовар ва шартан касалиовар ҷудо ва муайян карда шуданд. Сабабҳои асосии пайдоиши ва омилҳои паҳнкунандаи бемории илтиҳоби сироятии пистони говҳо (мастит) муайян карда шуда, доруи нави гиёҳӣ бар асоси экстрактҳои растаниҳои чойкаҳак ва сесанбарг таҳия шуда, дар шароити хоҷагиҳои чорводорӣ самаранокии онро тасдиқ намуданд ва патент оид ба ихтироъ гирифта шудааст.

**Аҳаммияти назариявии тадқиқот** дар он ифода меёбад, ки он ба омӯзиши ҳамаҷонибаи вазъи эпизоотологии бемориҳои брутселлёз, салмонеллёз ва сироятҳои коккӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст. Ин тадқиқот имкон медиҳад, ки паҳншавӣ, хусусиятҳои эпизоотикӣ ва омилҳои асосии ин бемориҳо дар минтақаҳои гуногуни кишвар таҳлил ва дар сатҳи зарурӣ арзёбии муқоисавии вазъ анҷом дода шавад.

Ҷузъи муҳими тадқиқотро арзёбии муқоисавии антигенҳои истеҳсоли ширкату кишварҳои гуногун, ки дар ташхиси серологии шири гов истифода мешаванд, ташкил медиҳад. Тадқиқот бо истифода аз усулҳои аксуламали ҳалқавӣ (АҲ) ва санҷиши розбенгали (СРБ) гузаронида шуда, имконияти

муайян кардани ҳассосият ва самаранокии тестҳои гуногунро фароҳам меорад.

Илова бар ин, таҳқиқоти бактериологӣ, ҷудо кардани изолятҳои Brucella, ва таҳлили сабабҳои асосии пайдоиши илтиҳоби сироятии ғадудҳои шири сина дар ҳайвоноти кишоварзӣ (аз ҷумла говҳо) аз самтҳои калидии кори илмӣ мебошанд. Ин таҳлилҳо барои муайян кардани робитаи байни сироятҳои зикршуда ва маҳсулнокии шири чорво аҳамияти амалӣ ва илмии назаррас доранд.

**Аҳаммияти амалии тадқиқот** дар он зуҳур мегардад, ки дар натиҷаи тадқиқот дар амалияи ветеринарӣ дастурамалу тавсияҳои таҳия гардида аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст ва ба хоҷагиҳои чорводории ҷумҳурӣ пешниҳод гардидаанд.

**Аҳамияти иқтисодии** кори мазкур ташхиси дақиқ ва пешгирии саривақтӣ бемориҳои зоонозии брутселлёз, салмонеллёз ва маститро дар бар мегирад, ки ин ба коҳиши талафоти иқтисодии соҳаи чорводорӣ аз фавти ҳайвонот аз бемориҳои сироятӣ, афзоиши истеҳсоли ширу маҳсулоти ширӣ ва беҳтар шудани маҳсулнокӣ оварда мерасонад. Истифодаи маводи доругӣ аз гиёҳҳои шифобахш ба ҷои антибиотикҳои воридотӣ хароҷотҳоро кам мекунад ва пайдоиши устуворнокии микроорганизмҳоро нисбат ба антибиотикҳои синтетикӣ пешгирӣ менамояд.

**Аҳамияти иҷтимоии** тадқиқот ба баланд бардоштани сатҳи бехатарии ветеринарӣ ва маҳсулоти озуқавории аҳолӣ мусоидат мекунад. Усулҳои таҳлил ва пешгирии зоонозҳо хавфи сироят ба инсонро тавассути истеъмоли маҳсулоти сироятноки ширӣ коҳиш медиҳанд. Тадқиқот барои муайянсозии дақиқӣ бемориҳои сироятии зоонозӣ ҷиҳати ҳифзи тандурустии аҳолӣ, назорати беҳдоштии сифати шир ва пешгирии паҳншавии бемориҳои зоонозии ҳайвонот дар байни одамон равона шудааст.

**Барои татбиқ дар истеҳсолот** истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли ҳуҷҷатҳои меъёрию техникии зерин, ки аз ҷониби муаллиф таҳия гардидаанд тавсия дода мешавад:

- Тавсияҳои методӣ оид ба ошкор намудани бемории брутселлёз дар шир бо роҳи санҷиши ҳалқавӣ бо истифода аз антигенҳои гуногун» таҳия карда шудааст (аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати ҶТ аз 07.07.с.2020 тасдиқ шудааст);

- Дастурамал оид ба гузаронидани экспертизаи доруворӣ, моддаҳо ва маводи ёрирасони ветеринарӣ» (аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати ҶТ аз 07.07.2020с. тасдиқ шудааст);

-Дастурамали методии «Тартиби гузаронидани ташхиси бактериологии брутселлёзи ҳайвонот» (аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати ҶТ аз 6 майи соли 2024 тасдиқ шудааст);

-Дорӯи гиёҳӣ барои табобати мастити чорвои кишоварзӣ (Патенти № 1436 ТҶ 1436).

**Натиҷаҳои бадастомадаи тадқиқот** метавонанд барои омӯзгорон, донишҷӯён, аспирантҳо, докторантҳо ва магистрҳо, институту факултетҳои тибби ветеринарӣ ва биологӣ ҳамчун дастури таълимӣ истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои тадқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Дар асоси маводи таҳқиқотии диссертатсия 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расида, се тавсияи методӣ таҳия ва аз ҷониби Раисии Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати ҶТ тасдиқ шудааст. Унвончӯй барои ихтироъ ва таҳияи «Мавод барои табобати илтиҳоби ғадудҳои ширии синаи (мастит) ҳайвонот» дорои Патенти №TJ1436 мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА ҶТ.**

Автореферет ва диссертатся ба бандҳои 5.1, 5.5 ва 5.11 Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба соҳаи микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ (ихтисоси 06.02.02) мувофиқат менамояд.

Новобаста аз ин дар диссертатсия камбудиҳо дар тартиб додани матн, маводҳои тасвирӣ, таснифи микроорганизмҳои аз маводҳои ташхисӣ рӯёндашуда, хатогиҳои грамматикию орфографӣ, оморӣ (статситикӣ) ҷой доранд. Аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия расмҳо ва ҷадвалҳое оварда шудаанд, ки маълумоҳои илмиро надоранд (саҳ. 70, 71, 74, 77 ва диг.).

2. Дар ҷадвалҳо “маънои хатогии арифметикӣ - ±” (средняя арифметическая ошибка - ±) нишон дода нашудааст.

3. Дар боби “Шарҳи адабиёт” ба мақолаю рисолаҳои олимони ватанӣ ишора нашудааст.

4. Ҳангоми омӯзиши микрофлораи маводҳои зери тадқиқот қарордошта, таснифи стафилококкҳою стрептококкҳо бо пуррагӣ риоя нашудааст. Аз ҷумла, мебоист ҳиссаи S. aureus эковар bovis ва эковар hominis - ро дар шири говҳо муайян мекард, ки ин аҳамияти ҷиддии эпизотоологӣ ва эпидемиологиро дорад.

5. Дар матни автореферат ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки тарҷума аз забони давлатӣ ба забони русӣ муввофиққат намекунад+

6. Дар матни диссертатсия хатогиҳои грамматикию орфографӣ ҷой доранд.

**Хулоса.** Дар маҷмуъ вобаста диссертатсия ва автореферати Шарипов Рустам Миралиевич дар мавзӯи "Нақши брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Тоҷикистон" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ эродҳои ҷиддӣ мавҷуд нестанд. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
профессори кафедраи микробиология,
вирусология ва имунологияи МТҒ
«Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон",
доктори илмҳои тибб, профессор Саторов Саидбег

25 сентябри соли 2025

Суроға: 734019, ҶТ ш. Душанбе,
кучаи Б. Ҳамдам 2, М1, 5/18
Телефон: 992987842424
E-mail: satorov1955@gmail.com

Имзои Саторов С. –ро
"Тасдиқ мекунам"
Сардори шуъбаи кадрҳо Оқилзода И.Н.

Суроғаи муассиса: 734042, ҶТ, ш. Душанбе, ,
Телефон: (+992) 918 67 74 48
E-mail: dtit082020@gmail.com

25 сентябри соли 2025